**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОНИ ФАННИ ТАЪРИХ ВА ҲУҚУҚ

Душанбе – 2023

Бо қарори Шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф № 11/36, аз 30.11.2023 тасдиқ шудааст.

**Мураттибон:**

**Ҷумахонова М. А** – номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, мудири кафедраи методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарии МД ДҶТИБКСМ.

**Ҳакимов Н -** номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик, ДМТ

**Муқарризон: Мардинаева М.-**ходими калони илмии шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ ПРМ АТТ

**Б. Ҳайдаров-**мутахассиси МҶТМ

**Муҳаррир**: **Ҳ.Ҳалимова -** омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарии МД ДҶТИБКСМ

Барномаи таълимии номбурда дар асоси стандартҳои давлатии таълимии фанҳои таърих ва ҳуқуқи инсон таҳия гардидааст. Барнома алоқамандии мураттаби машғулиятҳоро бо барномаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъмин менамояд.

Дар барнома оид ба навгониҳо дар илми таъриху таърихнигорӣ, асосҳои давлату ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон, истифодаи усулҳои фаъоли таълим, технологияи инноватсионӣ ва ба моҳияту зарурияти татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим аҳамияти бештар дода шудааст. Барнома барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанҳои таърих ва ҳуқуқ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавсия гардидааст

# Пешгуфтор

Барномаи таълими курсҳои такмили ихтисоси барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фанни «Таърих ва ҳуқуқ» дар асоси "Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.06.2016, № 237, Стандарти давлатии таҳсилоти МТМУ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон тахия гардидааст. Барнома барои омӯзгорони ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда, машғулиятҳои аудитории лексионӣ - назариявӣ, аудитории амалӣ ва корҳои мустақилонаи омӯзгоронро дар бар мегирад.

Дар барнома оид ба масъалаҳои роҳҳои умдатарини муносибати педагогикӣ ва дидактикаи таълим, роҳу усулҳои самарабахши банақшагирии дарсҳо, метод ва намудҳои дарс, таҳлили самараноки онҳо, истифода технологияи муосир дар раванди дарсҳои таърих ва ҳуқуқи инсон ҷой дода шудаанд.

Бояд зикр намуд, ки мавзуъҳои барнома қоидаҳои бетағйир, якнавохт ва қолабӣ набуда, ба онҳо ҳамеша бо нигоҳи эҷодкорона муносибат кард. Бояд қайд кард, ки омӯзиши илмҳои таърих ва ҳуқуқ дар ташаккули шахсияти насли наврас, худшиносию худогоҳӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии онҳо мақоми муҳимиро моликанд.

Аз ин рӯ, дурусту самаранок ташкил кардани таълими онҳо вазифаи муҳимтарини илми педагогика ва муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки шавқовару пурмазмун ва самаранокии дарс пеш аз ҳама ба донишу истеъдод ва маҳорату қобилияти омӯзгор вобастагӣ дорад.

Инчунин, дар барномаи мазкур, мавзуъҳо аз таърихи дунёи кадим, таърихи асрҳои миёна, таърихи умумӣ ва

таърихи халқи тоҷик вобаста ба барномаи таълимии МТМУ оварда шудааст. Аз ин рӯ, дар барнома он мавзуъҳое ҷой дода шуданд, ки онҳо ба маърифату ҷаҳонбинӣ, маҳорату истеъдоди касбии омӯзгорон кӯмак расонида, мақому мавқеи омӯзгоронро дар ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои самарабахши таълиму тарбия муайян месозанд.

Мақсади барнома:

Шунавандагони курс дар ҷараёни таълим оид ба сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, санадҳои меъёрии ҳуқуқии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, дастовардҳои нави илми педагогика ва психология, экологияю ҳифзи табиат, методикаи таълими фан донишҳои худро такмил дода, асосҳои истифодабарии технологияи инноватсиониро меомӯзанд.

Барномаи таълимии мазкур дар асоси таълими босалоҳият ва истифодаи методҳои интерактивӣ барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанҳои «Таърих ва ҳуқуқи инсон дар ҳаҷми 54 соат (22 соат –назариявӣ, 32 соат амалӣ), ҳамчунин, боназардошти собиқаи фаъолияти педагогии омӯзгорон (шунавандагон) дар се бахш таҳия гардида, усулҳои гуногуни таълимро дар бар мегирад. Донистани ин усулҳо ба он равона гардидааст, ки дониш, маҳорат, малака ва салоҳиятнокии хонандаро мукаммал гардонанд.

**Мазмун ва моҳияти барнома аз қисматҳои зерин иборат аст:**

1. **Мақсади таълим-** мақсадҳои мушаххаси таълимие, ки барои ҳосил шудани салоҳияти муайян равона шудаанд.

-шиносоии шунавандагони курсҳо ба вазифа ва мазмуни курси фанни таърих ва ҳуқуқи инсон.

-зинаҳои гуногуни омӯзиши фан;

-истифодаи имкониятҳои курси таъриху ҳуқуқ дар тарбияи худшиносию ватандӯстӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ;

-роҳҳои амалигардонии донишҳои назариявӣ дар амалия;

-робитаи фанни таърих ва ҳуқуқи инсон бо дигар фанҳо;

-истифодаи технологияи информатсионӣ-коммуникатсионӣ дар дарсҳои амалӣ;

-ташаккули салоҳият ва маҳорати касбии омӯзгор;

-дидактикаи ҷараёни таълим ва методикаи хусусии таълими фанҳои таъриху ҳуқуқ.

Дар барнома инчунин, номгӯйи адабиёти истифодашаванда марбут ба мақсаду масъалаҳои таълим тавсия дода шудааст.

**2.Мавзуъ ва мундариҷаи таълим** – дар ин фасл мавзуъҳо ва мундариҷае, ки тавассути аз худ кардани онҳо омӯзгор ба мақсади таълим ноил гашта, ба ин восита салоҳияти муайянро ҳосил мекунад, ҷой дода шудаанд.

**3.Фаъолияти таълим** – аз фаъолиятҳои таълимии тавсияшаванда, ки тавассути он мавзуъ ва мундариҷа аз худ кардашуда, таҳлилу баррасӣ меёбанд, иборат аст. Фаъолиятҳо вобаста ба шароит ва мавод тағйир дода мешаванд.

**4. Вақт** – ченаки эҳтимолие, ки барои ноил шудан ба мақсад мусоидат мекунад, пешниҳод мегардад.

**Талаботи барнома:**

Шунавандагони курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни таърих ва ҳуқуқи инсон дар анҷоми курс салоҳиятҳои зеринро ташаккул дода метавонанд:

- дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаи фанни таърих ва ҳуқуқ, китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ – нақшаҳои тақвимӣ ва дарсӣ таҳия менамоянд;
- методҳои муосири такмили малакаҳои хонандагонро дар самтҳои хондани матни китоби дарсӣ ва таҳлилу хулосабарориро истифода бурда, дар асоси онҳо саволу супоришҳо тартиб медиҳанд;
- навгониҳои дар соҳаи педагогика ва психология омӯхтаашонро дар амал татбиқ менамоянд;
- методҳои муосири такмили малакаю маҳорати хонандагонро дар озодона баён намудани фикр ва ҳангоми гуфтор риоя кардани қоидаҳои забони адабӣ, таҳлилу хулосабарорӣ, тақвият додани фикр тавассути ахбори хондаю шунида, дониши ҳосилшуда ва савол гузоштан истифода мебаранд;
- асосноккунии мафҳум ва ҳодисаҳоро дар таълими фанни таърих ва ҳуқуқи инсон мавзуъҳои мутобиқи талаботи стандарт ва барномаи таълимии ба муносибати салоҳиятнокӣ нигаронидашударо ба роҳ монда метавонанд;
- ҳангоми интихоби мавзуъҳо, арзишҳои инсондӯстӣ, хештаншиносӣ, маърифати баланди ҳуқуқӣ ва дигар арзишҳои волои умумибашариро ба назар мегиранд;
- арзёбии ҳаёт ва фаъолияти қаҳрамонон ва шахсиятҳои таърихии гузаштаю муосирро меомӯзанд;
- омӯзиши луғати нави вожаҳои таърихи ҳуқуқро ба роҳ мемонанд;
- ба омӯзиши лаҳзаҳои дигаргуниҳо ва кашфиётҳои нав дар ҳаёти инсон ва ҷомеа, корнамоӣ, ҷоннисории нотакрори қаҳрамонони таърихӣ, санаҳои муҳими таърихӣ бештар диққат медиҳанд;

- воситаҳои арзёбии фаъолияти таълимии хонандагонро ҳангоми хондан, навиштан, гуфтан, таҳлили воқеаю ҳодисаҳо рукнҳои хулосабарории дурусти мусбату манфии онҳо истифода мебаранд;
- дар асоси ҳамгироии рукнҳои таъриху ҳуқуқ, бостоншиносию манбашиносӣ саволу супоришҳои таълимӣ, тестҳо таҳия карда, воситаҳои арзёбии онҳоро муайян мекунанд ва ҳоказо.
- истифодаи технологияи муосир дар раванди дарсҳои таърих ва ҳуқуқи инсон дар курси такмили ихтисос омӯзонда мешаванд.

Азхудкунии барнома тавассути санҷиши тестӣ ба воситаи компютер арзёбӣ карда мешавад.

**Пас аз хатми курс шунаванда бояд:**

- моҳияти сиёсати давлат дар соҳаи маориф;
- асосҳои назариявӣ ва амалии психологияи педагогӣ;
- истифодаи технологияи инноватсионӣ дар омӯзиши фанни таърих ҳуқуқ;
- моҳият, хусусиятҳо ва усулҳои тадқиқоти илмиро донад.

**Ҳар як шунаванда баъд аз хатми курс бояд ба салоҳиятҳои зерин ноил гардад:**

- фаъолияти касбии хешро бо мақсади такмил ва баланд бардоштани малакаи касбӣ таҳлил карда тавонад;
- аз ӯҳдаи гузаронидани мониторинги сифати дониши хонандагон бароянд;
- фаъолияти мустақилонаи хонандагонро ҳангоми кор бо «Технологияи информатсионӣ-коммуникатсионӣ» ба роҳ монда тавонад;
- барномаҳои таълимии иловагии фанни таъриху ҳуқуқ ва банақшагирии дарсҳоро дар асоси технологияҳои инноватсионӣ тартиб дода, арзёбӣ намояд;
- саволномаҳои аттестатсияи ҷамъбастӣ (рейтинг, санҷиш, имтиҳон), олимпиада ва викторинаро мустақилона тартиб дода, омода сохта тавонад;
- маводи таълимӣ-методӣ ва дидактикии оид ба таълими фанни таъриху ҳуқуқи инсон бударо бо истифода аз ТИК таҳия карда тавонад;
- дар асоси донишҳои назариявӣ тадқиқот гузаронида тавонад.

▪ технологияи муосири педагогии таълими фанни таъриху ҳуқуқро;

▪ истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ барои ҳалли барномаҳои касбиро;

▪ методологияи тарҳи истифодаи ТИК-ро бояд дошта бошад.

Шунавандагони курс метавонанд фикру ақидаҳояшонро оид ба барномаи мазкур ба суроғаи Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» ирсол намоянд.

## Нақшаи
## таълимии курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни таърих ва ҳуқуқи инсон

| № | Қисматҳои барнома | Микдори соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| 1 | **Тахассус, методикаи таълими фан** | **54** | **22** | **32** |
| 2 | Менеҷменти сиёсӣ | 2 | 2 | - |
| 3 | Педагогикаи касбӣ | 4 | 1 | 3 |
| 4 | Психологияи касбӣ | 4 | 1 | 3 |
| 5 | Экология, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ | 2 | 2 | - |
| 6 | Технологияи иттилоотӣ | 4 | 1 | 3 |
| 7 | Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигории соҳа | 2 | 1 | 1 |
| **Ҳамагӣ** | | **72** | **30** | **42** |

**Накшаи**
**тақвимии курси такмили ихтисоси омӯзгорони**
**фанни таърих ва ҳуқуқи инсон**

| № | Қисматҳои барнома | Микдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **Ҳамагӣ** | **Назариявӣ** | **Амалӣ** |
| **Методикаи таълими фанҳои таъриху ҳуқуқ ва ташкили маҳорати касбӣ** | | **54** | **22** | **32** |
| | | | | |
| **1.** | **Методҳои умумии таълими фанҳои таърих ва ҳуқуқи инсон** | **22** | **6** | **16** |
| 1.1. | Мақсад ва вазифаҳои асосии таълими фанни таърих ва ҳуқуқ | 1 | 1 | |
| 1.2 | Барнома ва нақшаҳои нави таълимии фанни таърих ва ҳуқуқи инсон. Роҳҳои истифодаи онҳо | 2 | 1 | 1 |
| 1.3. | Таҳлили мазмун, мундариҷа ва сифати китобҳои дарсӣ аз фанни таърих ва ҳуқуқи инсон | 2 | | 2 |
| 1.4. | Истифодаи усулҳои фаъоли таълим ва интерактивии таълим дар ҷараёни дарсҳои таърих ва ҳуқуқи инсон | 2 | 1 | 1 |
| 1.5. | Муносибати босалоҳият ба таълим, ҷанбаҳои асосӣ ва татбиқи он дар дарсҳои таърих ва ҳуқуқи инсон (аз таҷриба) | 2 | 1 | 1 |
| 1.6 | Проблемагузорӣ дар ҷараёни дарсҳои таърих ва ҳуқуқи инсон | 2 | | 2 |
| 1.7 | Методҳои ташкил ва тарзи фаъолияти осорхонаи МТМУ | 1 | | 1 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1.8. | Тарзи ташкили кабинети таълимӣ аз фанни таърих ва ҳуқуқ дар МТМУ. Вазифа ва тарзи фаъолияти онҳо. | 2 | | 2 |
| 1.9. | Тест ва роҳҳои истифодабарии онҳо дар дарсҳои таърих ва ҳуқуқи инсон. | 1 | | 1 |
| 1.10 | Усулҳои омӯзиши интерактивӣ дар таълими фанни таърих ва ҳуқуқи инсон | 2 | | 2 |
| 1.11 | Истифодаи технологияи муосир дар дарсҳои таърих ва ҳуқуқи инсон | 4 | 1 | 3 |
| | **2. Методикаи таълими фанни таърих** | **20** | **9** | **11** |
| 2.1. | Методикаи таълими мавзуи “Ҷамеаи ибтидоӣ дар синфи 5. (Таърихи дунёи қадим). | **2** | 1 | 1 |
| 2.2 | Методикаи омӯзиши мавзуи “Давлати Сосониён” дар синфи 6 (Таърихи асриҳои миёна) | 2 | 1 | 1 |
| 2.3 | Методикаи омӯзиши мавзуи “Исмоили Сомонӣ ва таъсиси давлати миллии тоҷикон” дар синфи 7 (Таърихи асрҳои миёна) | 2 | 1 | 1 |
| 2.4. | Методикаи таълими мавзуи давлати Темуриён“ дар синфи 8. | 2 | 1 | 1 |
| 2.5. | Методикаи таълими мавзуи “Истилои Осиёи Марказӣ аз тарафи Русияи подшоҳӣ ва оқибатҳои он”дар синфи 9 | 2 | 1 | 1 |
| 2.6. | Методикаи таълими мавзуи “Тоҷикистон дар набардҳои давраи аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ” дар синфи 10. | 2 | 1 | 1 |
| 2.7 | Таълими мавзуи «Барҳам хӯрдани ИҶШС ва ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон”дар синфи 11 | 2 | 1 | 1 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2.8. | Методикаи омӯзиши мавзуи Ҳайтолиён ва нақши онҳо дар таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ | 2 | 1 | 1 |
| 2.9. | Методикаи таълими мавзуи "Пайдоиши муносибатҳои сармоядорӣ" дар синфи 7. | 1 | | 1 |
| 2.10 | Методикаи омӯзиши мавзуи " Англия дар солҳои 50-60-уми асри XIX " дар синфи 8 | 2 | 1 | 1 |
| 2.11 | Ташкили давлати Кушони Бузург ва ташаккули тамаддуни ориёӣ. | 2 | 1 | 1 |
| **3. Методикаи таълими фанни ҳуқуқи инсон** | | **12** | **7** | **5** |
| 3.1 | Методикаи омӯзиши мавзуи "Давлат.Заминаҳои пайдоиш, типҳо нишонаҳо ва шаклҳои идоракунии он". | 2 | 1 | 1 |
| 3.2. | Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон-мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор. | 1 | 1 | |
| 3.3. | Таснифи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд. | 2 | 1 | 1 |
| 3.4. | Механизмҳои миллӣ ва байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи инсон. | 2 | 1 | 1 |
| 3.5. | Ҳуқуқҳои кӯдак. Кӯдакон гурӯҳи иҷтимоии ба ҳимоя эҳтиёҷманд. Ҳифзи кӯдак аз зӯроварӣ ва истисмор. | 2 | 1 | 1 |
| 3.6. | Ифротгароӣ (экстремизм) , терроризм ва масъалаҳои ҳуқуқи инсон | 2 | 1 | 1 |
| 3.7. | Ҳуқуқ ва вазифаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ. | 1 | 1 | |
| **4. Мавзуъҳои иловагии алтернативӣ** | | **26** | **10** | **16** |
| 1. | Савдои одамон ҳамчун падидаи поймолсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд | 2 | 1 | 1 |
| 2. | Раванди мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (назариявӣ 1 соат) | 2 | 1 | 1 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 3. | Роҳҳои  мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2 | 1 | 1 |
| 4. | Кумитаи Созмони Миллали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон | 2 | 1 | 1 |
| 5. | Глобализатсия  ва  масъалаҳои ҳуқуқи инсон | 2 | 1 | 1 |
| 6. | Хуқуқи инсон ва ҳуқуқҳои гуманитарӣ. Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх (КБСС). Таърихи таъсисёбӣ ва самтҳои асосии фаъолият. | 2 | 1 | 1 |
| 7. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” | 2 | 1 | 1 |
| 8. | Низоъҳои охири асри XX ва ибтидои асри XX1 (дарси проблемавӣ) | 2 | 1 | 1 |
| 9. | Кори амалӣ. Осорхона ва фаъолияти он. Шиносоӣ ба фаъолияти осорхонаи миллии бостонӣ ва  муассисаҳои базавӣ (такягоҳӣ). | 6 | | 6 |
| 10. | Арзёбӣ ва натиҷагирии дониши хонандагон дар раванди дарсҳои таърих ва ҳуқуқи инсон | 2 | 1 | 1 |

**БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ ФАННИ**
**ТАЪРИХ ВА ҲУҚУҚИ** ИНСОН
**(такмили дониш, малака ва маҳорати касбии омӯзгорони фанни таърих ва ҳуқуқи инсон (54 соат))**

## I. МЕТОДҲОИ УМУМИИ ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ТАЪРИХ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН ВА ТАШАККУЛИ МАҲОРАТИ КАСБӢ

### Мавзуи 1.1. (1 соат назариявӣ) Мақсад ва вазифаҳои асосии таълими фанни таърих ва ҳуқуқи инсон

Омӯзиши қонуниятҳо ва хусусиятҳои асосии пайдоиш ва ташаккули ҷомеаи инсонӣ. Баррасӣ ва омӯзиши омилҳои таърихии пайдоиш ва ташаккули забон, фарҳанги мардуми ориёӣ ва мақоми онҳо дар тамаддуни ҷаҳонӣ. Таърихи пайдоиш ва ташаккули аввалин давлатҳо, бахусус аввалин давлатҳо ва империяҳои ориёӣ. Хусусиятҳои асосии таъсис ва ташаккули онҳо.

Ташаккулёбии давлат ва ҳуқуқ дар таърихи башар (дунёи қадим, асрҳои миёна, давраи нав ва давраи муосир).

Мақсад аз омӯхтани фанни таърих донистани воқеаю равандҳо ва ному истилоҳҳои таърихӣ, ҳосил кардани тасаввуроти умумии таърихӣ, пайдо намудани дониш, маҳорат ва малакаи таҳлили рӯйдодҳои таърихӣ, ошкор сохтани сабабҳову оқибатҳои воқеаҳои таърихӣ.

Зарурияти дар бораи давлат ва ҳуқуқ донишу малакаи зарурӣ доштани ҳар як шаҳрванд, баҳри баҳравар шудан аз ҳуқуқу озодиҳои барои шаҳрвандони Тоҷикистон эълоншуда ва иҷрои сарбаландонаи ӯҳдадориҳо ва вазифаҳои шаҳрвандӣ.

Ҳадафи асосии омӯзиши ин фан дар руҳияи риояи қонуну қонуниятҳои амалкунанда тарбия намудани

хонандагон, дар онҳо таҳким бахшидан ба маҳорату малакаи интихоби роҳи дурусту бошарафона дар зиндагӣ.

Мақсади асосии таълими фанни Ҳуқуқи инсон- ин ташаккули сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ ва ҳуқуқҳои фарҳангии инсон. Парастиши ҳисси эҳтироми баланд нисбати ҳуқуқҳои инсон чун арзиши тамаддуни умумиҷаҳонӣ, мақсади ниҳоии фан.

**Машғулияти амалӣ: (1 соат)** Хусусиятҳои ба амал тадбиқ намудани мақсад ва вазифаҳои фанни таърих ва ҳуқуқ вобаста ба синну соли хонанда.

Шунавандагон мақсад ва вазифаҳои фанни таърих ва ҳуқуқро вобаста ба синну соли хонандагон дар амал татбиқ менамоянд.

Моҳияти ватандӯстона ва инсонпарварона доштани таълими фанҳои таърих ва ҳуқуқи инсонро шарҳу эзоҳ медиҳанд.

**Мавзуи 1.2 (1соат назариявӣ). Барнома ва нақшаҳои нави таълимии фанни таърих ва ҳуқуқи инсон. Роҳҳои истифодаи онҳо.**

Мазмун ва мундариҷаи барнома ва нақшаҳои нави таълимӣ аз фанҳои таърихи халқи тоҷик, таърихи умумӣ, ҳуқуқи инсон, асосҳои давлат ва ҳуқуқ. Дар барномаҳои таълимӣ ҷой доштанӣ моҳияти ташаккули ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмӣ, тарбияи тафаккури таърихӣ, ҳисси ватанпарастӣ ва худшиносӣ. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ. Дар тафаккури хонандагон таҳким бахшидани мафҳумҳои марбут ба асосҳои давлату ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, озодиҳо, вазифаҳои инсон ва шаҳрванд.

Муносибатҳои нав тибқи талаботҳои замон ва ҷомеа барои банақшагирӣ ва барномасозӣ оид ба таълими фанни таърихи ҳуқуқи инсон ва моҳияти онҳо. Дар ҷараёни омӯзиш ба назар гирифтани робитаҳои дохилифаннӣ ва байнифаннӣ. Баланд бардоштани сифати таҳсилот, қонеъ гардонидани талаботҳои шахс ба дониш, ҷорӣ намудани

таълими равиявӣ. Барои истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ, наздик шудан ба фазои таҳсилот ҷорӣ намудани равияҳои нав. Тибқи хоҳиши хонандагон ва волидони онҳо ба роҳ мондани омӯзиши амиқи фанҳо.

Тақсимоти соатҳо. Истифодаи амалӣ ва босамари онҳо тибқи талаботҳои нақшаҳои таълимӣ. Шиносоӣ ва дастрасии ҳар омӯзгор ба нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ. Ташкили семинарҳои омӯзишӣ барои шиносоӣ ба мазмун ва мундариҷаи ин ҳуҷҷатҳо. Мувофиқати нақшаю барномаҳои таълимӣ ба китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Тибқи талаботҳои барнома ва нақшаҳои таълимӣ ба роҳ мондани таълими ин фанҳо. Мувофиқати онҳо ба талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф.

**Машғулияти амалӣ:**(1соат) Таҳлили услубии барнома ва нақшаҳои нави таълимии фанни таърих ва ҳуқуқ дар мактаб.

Фикру ақидаҳои шунавандагон доир ба татбиқи амалии барнома ва нақшаҳои таълимӣ дар мактаб.

**Мавзуи 1.3. (1соат назариявӣ). Таҳлили мазмун, мундариҷа ва сифати китобҳои дарсӣ аз фанни таърих ва ҳуқуқ.**

Вазъи таъмини муассисаҳо ба китобҳои дарсии таълимӣ аз фанни таърих ва ҳуқуқ. Мушкилотҳо дар ин масъала. Тарзи таҳлили мазмун ва мундариҷаи китобҳои дарсӣ аз фанҳои таъриху ҳуқуқ. Сохтори китобҳои дарсӣ. Мундариҷаи китобҳои дарсӣ. Мувофиқати китобҳои дарсӣ бо барномаҳои таълимӣ ва стандарти давлатии таҳсилот.

Мазмун ва моҳияти дастурҳои методии мавҷуда доир ба ин масъала. Муваффақиятҳо, норасоиҳо, мушкилотҳо ва камбудиҳо дар ин самт.

Китобҳои дарсии алтернативӣ. Роҳу усулҳои истифодаи онҳо дар ҷараёни таълим.

**Машғулияти амалӣ (1 соат)** Таҳлили услубии китобҳои нави дарсии фанҳои таъриху ҳуқуқи инсон.

Ақидаҳои шунавандагон роҷеъ ба вазъ ва ҳолати китобҳои дарсӣ дар муассиса.

**Мавзуи 1.4. (1 соат назариявӣ). Истифодаи усулҳои фаъоли таълим (УФТ) ва интерактивии таълим дар ҷараёни дарсҳои таъриху ҳуқуқ.**

Усулҳои фаъоли таълим ва зуҳуроти он дар таълим. Мафҳум ва моҳияти усулҳои фаъоли таълим. Роҳу усулҳои истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар ҷараёни дарсҳои таърих ва ҳуқуқи инсон.Аҳамияти усулҳои фаъоли таълим дар донишандӯзии хонандагон.Кор бо усулҳои блитс-пурсиш, “Кластер”, “Диограммаи ВЕНН”, “Ангезиши зеҳн”, “Т-нақша”, “Шаршара” ва ҳоказо.

Мақсадҳои асосии истифодабарии УФТ.Назарияҳои пешқадами педагогҳои машҳур Л. С. Виготский, Ж. Пиаже, Ҷ. Дюи, Б. Блум, Я. А. Коменский ва дигарон.

Асосҳои назариявии таълим ва омӯзиши интерактивӣ. Истифодаи усулҳои интерактивӣ тақозои замон ва ҷомеа. Меъёрҳои асосии модели ҳамфаъоли таълим:

-имконияти озоди муҳокимарониҳо;
-интихоби озоди мавзуъ;
-ваъзхонии кам, вале шумораи зиёди фаъолияти гурӯҳҳо;
-ташаббуси бештари хонанда;
-иҷрои корҳои хаттӣ;
-ҳавасмандгардонии фаъолияти таълимии хонанда.
-арзёбӣ карда тавонистан;

**Машғулияти амалӣ (1 соат).** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба истифодаи УФТ дар дарсҳои таърих ва ҳуқуқ. Пешниҳодҳои шунавандагон доир ба роҳҳои донишҳои васеъ ва саҳеҳ гирифтани хонандагон дар асоси УФТ (аз таҷриба)

**Мавзуи 1.5. (1 соат назариявӣ). Муносибати босалоҳият ба таълим, ҷамъбаҳои асосӣ ва татбиқи он дар дарсҳои таърих ва ҳуқуқ.**

**А**ҳамияти гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим. Сабабҳои ворид намудани тағйирот ба муносибати нави таҳсилот: моҳият, дастовард ва норасоиҳо. Хусусиятҳои фарққунандаи муносибати босалоҳият ба таълим. Тарзи суратгирии таълим.Шарҳи зинаҳои салоҳиятнокӣ (водорнамоӣ, даркнамоӣ ва мулоҳизаронӣ). Мафҳуми салоҳият ва салоҳиятнокӣ.

Назарияи минтақаҳои рушди Виготский ва моҳияти он. Муқоиса намудани низоми таълими анъанавӣ ва салоҳиятнокӣ дар таълим. Назария ва бартариҳои м**уносибати босалоҳият ба таълим**.

**Машғулияти амалӣ (1 соат).** Андешаҳои шунавандагон доир ба зарурияти ворид намудани муносибати босалоҳият ба таълим. Шарҳи тадбиқи намудани муносибати босалоҳият ба таълим дар муассиса (аз таҷриба).

**Мавзуи 1.6 ( 1 с.). Проблемагузорӣ дар ҷараёни дарсҳои фанни таърих ва ҳуқуқ.**

Таърих ва фалсафаи омӯзиши проблемавӣ. Истифодаи принсипи гузоштани саволҳои проблемавӣ. Ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ дар ҷараёни дарсҳои таърих ва ҳуқуқ дар замони муосир.

Ғояҳои асосии омӯзиши проблемавӣ:

а) зери роҳбарии омӯзгор ба миён овардани вазъияти проблемавӣ.

б) азхудкунии усул ва методҳои ҳалли проблема. Гузоштани ҳалли проблемаҳо восита ба мавзуи дарс. Ҷустуҷӯйи ҳалли вазъи проблемавӣ. Фаъолияти якҷояи хонандагон барои дарёфти ҳалли проблемаи гузошташуда.

Методҳои омӯзиши проблемавӣ:

а) методи тадқиқотӣ;

б) методи эвристикӣ;

в) методҳои ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ.

**Машғулияти амалӣ:** Нуқтаи назари шунавандагон доир ба вуҷуд овардани вазъи проблемавӣ дар ҷараёни дарс. Мафҳуми методҳои проблемавиро шарҳ дода, дар амал татбиқ карда тавонанд (аз таҷриба).

**Мавзуи 1.7 (1 соат назариявӣ). Методҳои ташкил ва тарзи фаъолияти осорхонаи МТМУ.**

Зарурати ташкил кардани осорхона дар МТМУ ва вазифаҳои он.Ташкили осорхонаи муассисавӣ- талаботи замон ва ҷомеа. Моҳияти осорхонаҳо дар баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихорӣ миллӣ. Ташкили осорхонаи мактабӣ, эҳё ва нигоҳдории осори гузаштагон.

Шинос намудани хонандагон бо ёдгориҳои илму фарҳанг ва таъриху тамаддуни аҷдодӣ. Ҷалби фаъолон барои таъсис ва фаъолияти осорхона. Ҷамъоварии мадракҳои бостонию таърихӣ, асбобу анҷомҳои мардумшиносӣ аз маҳал бо ташаббуси хонандагон ва омӯзгорони муассиса. Нигоҳдорӣ, муҳофизату тарғиби онҳо- вазифаи муқаддаси ҳар ватандӯсту ватанхоҳ. Алоқамандии мазмун ва моҳияти мундариҷаи осорхонаи муассиса ва вазифаҳои таълиму тарбия.Талаботҳои асосӣ барои ташкили осорхонаи муассисавӣ.

**Машғулияти амалӣ 1 соат:** ташкил намудани саёҳат ба осорхонаҳои таърихӣ дар асоси нақша. Шинос намудани хонандагон бо ёдгориҳои илму фарҳанг ва таъриху тамаддуни аҷдодӣ. Ҷалби фаъолон барои таъсис ва фаъолияти осорхона.

**Мавзуи 1.8. Тарзи ташкили кабинети таълимӣ аз фанни таърих ва ҳуқуқи инсон дар МТМУ. Вазифа ва тарзи фаъолияти онҳо.**

Тарзи ташкили кабинети таълимӣ ва вазифаҳои он. Ҷавобгӯй будани кабинети таълимӣ бо стандартҳои

давлатӣ. Ҷиҳозонидани кабинет бо таҷҳизот ва воситаҳои нави замонавӣ: компютер, мизҳо, курсиҳо, анбор барои нигоҳ доштани васоити таълим. Таъмини кабинети таълимӣ бо адабиёти илмию оммавӣ, ки ба мазмуну моҳияти барномаю нақшаҳои таълими фанҳои таъриху ҳуқуқи инсон ҷавобгӯй мебошанд. Мавҷуд будани ҷевонҳои сексионӣ, қуттиҳо ва инчунин, ҷойи махсус барои нигоҳ доштани харитаҳо, атласҳо, расму ҷадвалҳо, китобҳо, суратҳо, воситаҳои овозию тасвирӣ, аудио-видео, диапозитивҳо, компютерҳо ва ғайра.

Нақшаи кории кабинети таълимӣ. Вазифа ва уҳдадориҳои мудири кабинети таълимӣ.

**Машғулияти амалӣ 1 соат.** Шунавандагон дар бораи тарзи ташкил намудани кабинетҳои таълимӣ маълумот гирифта, аз таҷрибаи кории худ онро шарҳ медиҳанд.

**Мавзуи 1.9 (назариявӣ 1 соат). Тест ва роҳҳои истифодабарии онҳо дар дарсҳои таърих ва ҳуқуқ.**

Омода сохтани саволномаҳо, тестҳои хаттӣ ва шифоҳӣ барои муайян сохтани дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати хонандагон. Ташкил ва гузаронидани дарсҳои санҷиши дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон. Роҳ ва усули тартиб додани тестҳо. Натиҷагирии тест дар муайян кардани сатҳи дониш ва маҳорату малакаи хонандагон. Муваффақият ва камбудиҳои санҷиши савияи дониши хонандагон бо роҳи пурсиши тестӣ. Ҷамъбаст ва арзёбӣ. Тестҳо- ҳамчун механизми универсалии санҷиши дониши хонандагон аз рӯйи тамоми ҷузъиёти сохтори маводи таълими фанҳои таърих ва ҳуқуқ.

**Машғулияти амалӣ 1 соат.** Фикру ақидаҳои шунавандагон доир ба тартиб додани тестҳои санҷишӣ барои муайян намудани савияи дониш ва малакаи хонандагон.(аз таҷриба)

**Мавзуи: 1.10. (назариявӣ 1 соат) Усулҳои омӯзиши интерактивӣ дар таълими фанни таърих ва ҳуқуқ**

Омӯзиши интерактивии таълим ва омилҳои самарабахши он дар раванди дарсҳои таърих ва ҳуқуқ. Интихоби усулҳои интерактивӣ мувофиқи мақсади таълим. Роҳҳои истифодабарии омӯзиши интерактивӣ дар баланд бардоштани савияи донишандӯзии хонандагон дар дарс. Меъёрҳои асосии таълими интерактивӣ: мубоҳисаҳои ғайри расмӣ, қобилияти озодона баён кардан, фароҳам овардани имконият барои ташаббускорӣ.

**Машғулияти амалӣ 1 соат.** Шунавандагон доир ба омӯзиши интерактивӣ маълумот мегиранд. Роҳҳои истифодабарии онро дар ҷараёни дарс рӯйи таҷрибаи корӣ нишон медиҳанд.

**Мавзуи:** 1.11**. (назариявӣ 2 соат) Истифодаи ехнологияи муосир дар дарси таърих ва ҳуқуқи инсон.**

Зарурати ворид намудани технологияи муосир дар таълим. Методҳои истифодаи технологияи муосир дар ҷараёни дарсҳои таърих ва ҳуқуқи инсон. Таъсири технологияи муосир дар инкишоф ва дараҷаи азхудкунии донишҳои нав. Роҳҳои эътимодбахши истифодабарии технологияи муосир дар ҷараёни дарсҳои таърих ва ҳуқуқи инсон. Технологияи муосири таълимӣ –раванди дастраскунии иттилоот. Тавассути компютер, проектор ва презинтасия нишон додани мавзуъҳои гуногуни фанни таърих ва ҳуқуқ. Тариқи онлайнӣ гузарондани дарс ва дигар намуди истифодабарӣ аз технологияи муосир дар дарси таърих ва ҳуқуқи инсон

**Машғулияти амалӣ:** Дар раванди дарс шунавандагон роҳҳои аз технологияи муосир истифода бурданро меомӯзанд. Доир ба мавзуъҳои гуногуни фанни таърих ва ҳуқуқи инсон презинтасия омода менамоянд. Фикру ақидаҳои шунавандагон доир ба барномаи “Омӯзиши омехта” (плотформа).

# 2. МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТАЪРИХ

**Мавзуи: 2.1. ( назариявӣ 1 соат) Методикаи таълими мавзуи “Ҷомеаи ибтидоӣ”дар синфи 5.**

Зиндагии одамон дар давраҳои қадимтарин ва қадим. Марҳилаҳои асосии пайдоиши ҷамъияти ибтидоӣ ва давраҳои инкишофи он. Маълумот дар бораи асри санг-давраи қадимтарини ҳаёти инсон. Давраҳои асосии асри санг: палеолит, мезолит, неолит ва хусусиятҳои фарққунандаи онҳо.

Пайдоиши дин ва санъати тасвирӣ. Пайдоиши аввалин иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ-давлатӣ. Таназзули ҷомеаи ибтидоӣ ва сабабу омилҳои барҳамхӯрии он.

**Машғулияти амалӣ: - 1 соат.** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба мавзуъ (аз таҷриба). Шарҳу маънидод намудани зиндагии одамон дар давраҳои қадимтарин ва қадим.

**Мавзуи 2.2. (1 соат назариявӣ.). Методикаи омӯзиши мавзуи “Давлати Сосониён” дар синфи 6 (Таърихи асрҳои миёна)**

Ташкилёбии давлати Сосониён (соли 224 мелодӣ). Ардашери Бобакон-асосгузори давлати Сосониён. Сохтори давлатдорӣ дар замони Сосониён. Шоҳаншоҳ ва мақоми он. Илму фарҳанги замони Сосониён. Дину оин ва мазҳабҳо.“Авасто”- сарчашмаи таърихӣ ва мадании халқи тоҷик. Мазмун ва моҳияти Авасто. Аҳуромаздо-худои Зардуштиён. Маздак. Ҳаракати маздакиён, ақидаҳо ва пайравони ӯ. Фарҳанги замони Сосониён. Мактаб, забон, хат ва адабиёт. Шаҳрсозию меъморӣ. Санъат.

**Машғулияти амалӣ (1 соат).** Фикру андешаҳои шунавандагон доир ба тасисёбии давлати Сосониён. Шунавандагон доир ба тарзи таълими мавзуъ дар мактаб маълумот медиҳанд (аз таҷриба).

**Мавзуи 2.3. (2 соат) Методикаи омӯзиши мавзуи “Исмоили Сомонӣ ва таъсиси давлати миллии тоҷикон” дар синфи 7 (Таърихи асрҳои миёна).**

Давлати Сомониён аввалин давлати миллии тоҷикон. Саҳми Исмоили Сомонӣ дар пойдории давлати тоҷикон. Исмоил меъмори давлат, иқтисодиёт, маданият ва сиёсат. Сиёсати дохилӣ ва берунаи давлати Сомониён. Оқибатҳои таназул ёфтани давлати Сомониён.

**Машғулияти амалӣ (1 соат)**. Фикру ақидаҳои шунавандагон доир ба ташкил ёфтани давлати Сомониён. Роҳҳои таълими мавзуъ дар синфи 7 (аз таҷриба).

**Мавзуи 2.4. ( 2 соат) Методикаи таълими мавзуи давлати темуриён“ дар синфи 8.**

Ба сари ҳокимият омадани Темури Курагонӣ. Вазъи сиёсӣ, ичтимоӣ ва иқтисодии давлати Темуриён. Сабаб ва омилҳои ҷангҳои дохили ва берунаи Темур. Ҷанг бо Тухтамиш ва Боязид. Калламанораҳои темурӣ дар Исфаҳон, Умеда, Деҳлӣ. Сар задани ҳаракатҳои миллӣ- озодихоҳӣ. Ҳаракати сарбадорон ва Темур. Тузукҳои темурӣ- ҳамчун сарчашмаи таърихии омӯзиши ҷангҳои Темур.

**Машғулияти амалӣ (1 соат)**. Фикру ақидаҳои шунавандагон доир ба омӯзиши мавзуъ дар синфи 8. (аз таҷриба). Супоришҳои интерактивӣ. Кор дар гурӯҳҳо.

**Мавзуи 2.5. (1 соат назариявӣ). Методикаи таълими мавзуи “Истилои Осиёи Марказӣ аз тарафи Русияи подшоҳӣ ва оқибатҳои он”дар синфи 9**

Вазъи мулкҳои Осиёи Марказӣ дар арафаи ҳуҷуми қушунҳои рус. Амалиётҳои ҳарбии қушунҳои Русияи подшоҳӣ.Таъсиси генерал-губернатории Туркистон. Оқибати забткориҳои Русияи подшоҳӣ дар Осиёи Марказӣ.

Заминаҳои таърихӣ ва мақсадҳои асосии ҳуҷуми Русия ба Осиёи Марказӣ. Омилҳои дохилӣ ва истилои Осиёи Марказӣ (соли 1864). Ишғоли Тошкент (17 маи соли 1865); ишғоли Нов (19 май соли 1866); муҳосира ва ишғоли Хуҷанд

(20 майи соли 1866); ҳуҷум ба Истаравшан ва ишғоли он (сентябр-2октябри соли 1866). Тобеъ гардидани Қуқанд. Ҳуҷуми қушунҳои рус бо фармондеҳии генерал Кауфман ба Самарқанд (соли 1868). Муқовимати сахти мардум ва шикасти онҳо. Аҳдномаи 23 июни соли 1868 байни Русия ва Аморати Бухоро. Ба кишвари Русия тобеъ гардидани Аморати Бухоро. Лашкаркашиҳо ба Хева ва истилои он (солҳои1873-1883). Ҳалли «Масъалаи Помир» дар байни Русия ва Англия.

Таъсисёбии генерал-губернатории Туркистон. Ҳудудҳои аввал ва минбаъдаи генерал-губернатории Туркистон.

Оқибатҳои манфӣ ва мусбии истилои Осиёи Марказӣ аз тарафи Русия.

Ташкили низоми бонкӣ. Ширкатҳо ва аввалин иттиҳодияҳои монополистӣ дар Осиёи Марказӣ.

Ташкили аввалин муассисаҳои усули нав. Шиносоии мардуми маҳаллӣ ба фарҳанг ва тамаддуни пешқадами Русия ва Аврупо.

**Машғулияти амалӣ (1 соат).** Дар раванди дарс шунавандагон бо оқибатҳои истило ва моҳияти ҳамроҳ шудани Осиёи Марказӣ ба Русия маълумот мегиранд. Таълими мавзуъро дар ҷараёни дарс амалӣ карда метавонанд. Таълими як дарси интерактивӣ аз руйи таҷрибаи корӣ.

**Мавзуи 2.6. (1 соат назариявӣ) Методикаи таълими мавзуи “Тоҷикистон дар набардҳои давраи аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ” дар синфи 10.**

Вазъи сиёсии ҷаҳон дар нимаи дуюми солҳои 30-юми асри XX. Сабабҳо ва оғози Ҷанги дуюми ҷаҳон (солҳои 1941-1945). Иштироки тоҷикон дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ.
Неъмат Қаробоев – аввалин “Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ”. Ҳуҷуми Олмони фашистӣ ба ИҶШС. Ташкил ва тайёр намудани қисмҳои низомӣ дар ҷумҳурӣ.

Таъсиси Кумитаи Давлатии Мудофиа (КДМ). Ба шароити ҳарбӣ мутобиқ намудани хоҷагии халқ. Ҷорӣ шудани таълими умумии ҳатмии ҳарбӣ. Сафарбарии қувваҳо барои мудофиаи мамлакат. Ихтиёриён. Корнамоии ҷангии тоҷикон дар муҳорибаҳои калони солҳои 1944-1945. Саҳми тоҷикон дар озод намудани ҷумҳуриҳои Украина, Белорусия, Молдавия ва ҷумҳуриҳои назди Балтика. Ширкати тоҷикон дар озодкунии давлатҳои Аврупои Шарқӣ. Иштироки тоҷикон дар ҳаракати партизанӣ. Саҳми тоҷикон дар ғалаба бар фашизм. Иштироки тоҷикон дар амалиётҳои ҳарбии зидди Япония.

**Машғулияти амалӣ (1 соат).** Роҳҳои таълими мавзуъ ва татбиқи он дар дар ҷараёни дарсҳои таърих ва ҳуқуқи инсон бо усули фаъоли таълим.

**Мавзуи 2.7. (1 соат назариявӣ). «Барҳам хӯрдани ИҶШС ва ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон” (таълими интерактивӣ)**

